natijasida yaratilgan “Mahmud Torobiy” operasi haqida ham qiziqarli eksponatlar bor. Olovli urush yillariga bag‘ishlangan bo‘limda frontda o‘zbek tilida chiqqan gazeta qo‘yilgan. Bu gazetada Oybekning Xarkov shahrini nemis fashistlaridan ozod qilinishiga bag‘ishlangan she’ri bosilgan [5].

Oybek uy-muzeyida saqlanayotgan “Navoiy” romanining qo‘lyozmasi, “Tuyg‘ular” ilk she’rlar to‘plami, A.Axmatovaga bag‘ishlangan she’r qo‘lyozmasi, O‘.Tansiqobevning rangtasvir asarlari, Zarifa Saidnosirovaning “Ahmad Yassaviy maqbarasi” asari, Navoiyning Saidnosir Mirjalilov avtografi yozilgan devoni noyob eksponatlar sirasiga kiradi.

Shu bilan birgalikda uy-muzeyning yana bir e’tiborga molik hujjatlardan biri bu - ziyoratchilarning uy-muzeyiga tashrifi vaqtida olgan taassurotlari hamda kechinmalarini yozib qoldiradigan daftar hisoblanadi. Daftarda turli xil yoshdagi ziyoratchilar, turli millat va qatlam vakillari o‘zlarining muzey haqidagi fikrlarini muhrlab qo‘yishgan.

2005-yilda Oybek tavalludining 100 yilligi munosabati bilan adib haqida to’la metrajli hujjatli film yaratilgan bo‘lib, muzeyda ushbu filmni ham tomosha qilish mumkin [6].

Muxtasar qilib aytganda Oybek uy-muzeyi o‘zbek adabiyotining yirik namoyandasi bo‘lgan Muso Toshmuhammad o‘g‘li Oybekning hayoti va ijodini o‘rganish uchun muhim manba hisoblanadi. Muzeyda saqlanayotgan eksponatlar, ilmiy ishlar va tadbirlar orqali adibning boy merosi haqida chuqurroq ma'lumot olish mumkin. Bu maskan nafaqat adabiyot ixlosmandlari, balki ilm-fan va madaniyat sohasidagi tadqiqotchilar uchun ham katta ahamiyatga ega. Bu maskan nafaqat tarixiy bino, balki Oybekning hayoti, ijodi va oilaviy muhitini aks ettiruvchi muhim manbadir.

## Adabiyotlar:

**1.** Ўзбекистон миллий энциклопедияси, 6-жилд. –Тошкент: Ўзбекистон миллий энциклопедияси, 2003. – Б. 474.

**2.** https://oybek.vercel.app/about

**3.** Шукрулло. Ойбек уй-музейидаги ўйлар. “Ўзбекистон адабиёти ва санъати” газетаси, 1987 йил 23 январь, 4 (2900)-сон. – Б. 3.

**4.** https://uza.uz/uz/posts/oybek-uy-muzeyidan-fotoreportazh_709462

**5.** Ёрмуҳамедов Ў. Экспонатлар сўзлайди. “Ўзбекистон адабиёти ва санъати” газетаси, 1987 йил 16 октябрь, 46-сон. – Б.2.

**6.** Абулфайизов М. Ўчмас из. “Шарқ юлдузи” журнали, 2012 йил 2-сон. – Б. 3.

# ИНСОНГАРОӢ ДАР “ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ”- МАВЛОНО АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

*Ўрунова Мавҷуда Рустамовна*

*кафедраи адабиёти классики тоҷики МДТ*
*«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»*
***(Тоҷикистон, Хуҷанд),***
*номзади илмҳои филологӣ, дотсенти*
***umavchuda@mail.ru, тел.: 92-736-02-51***

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи сухансароёни маъруфи садаи понздаҳум ба ҳисоб рафта, анъанаҳои панҷсадсолаи адабиёти форсу тоҷикро дар осори хеш ҷамъбаст кард ва инкишоф дод. Мавлоно Ҷомӣ на танҳо дар ғазалсароӣ, инчунин дар таълифи достону маснавӣ, осори насрии адабию илмӣ низ чирадаст буда, анъанаи хамсасароиро инкишоф дод ва бо таълифи «Ҳафт авранг»-и хеш номи худро дар саҳифаҳои адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсу тоҷик бо хатҳои рангин сабт намуд. Ӯ ҳарчанд дар таркиби «Ҳафт авранг» чанд асарро дар сужетҳои анъанавӣ таълиф карда бошад ҳам, лекин дар композитсия ва мазмуну мундариҷаи онҳо тозагиҳо ворид сохт. Баррасӣ ва таҳлили достони «Хираднномаи Искандарӣ» шаҳодат бар он дод, ки суханвар дар маснависароӣ аз пешгузаштагони хеш кам нест ва дар мураттабу муназзам сохтани қиссаҳои таърихиву ахлоқӣ низ гӯи сабқат аз дасти дигарон мебарад.

Ба василаи таълифи достони "Хираднномаи Искандарӣ" Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ суннати дерини адабиёти аҷдодии халқи тоҷик – андарзнависиро идомат бахшидааст. Воқеан, "Хираднномаи Искандарӣ" охирин достони "Ҳафт авранг"- Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷавоби "Искандаронома"-ҳои хамсатайн таълиф шудааст. Достони "Хираднномаи Искандарӣ" аз чаҳордаҳ достон иборат аст ва дар оғози қисме аз достонҳо хираднномаҳо ҷойгиранд, ки арзиши баланди ахлоқиву тарбиявӣ доранд. Чунончи, дар достони дуюм "Хираднномаи Аристотолис", "Хираднномаи Афлотун", "Хираднномаи Суқрот", "Хираднномаи Буқрот", "Хираднномаи Файсоғурас", "Хираднномаи Асқалинус", "Хираднномаи Ҳармис" ва дар достони сеюм "Хираднномаи Искандарӣ", дар маҷмӯъ, ҳашт хираднома ҷойгиранд, ки ҳар яке дорои аҳамияти хоси ҳикамӣ мебошанд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ монанди дигар маснависароёни бузурги адабиёти форсу тоҷик, аз қабили Абулмаҷди Саноӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҳаким Низомӣ, Мавлоно Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ ва дигарон кӯшиш намудааст, ки андешаҳои ҳакимонаи худро бо ҳикоятҳои ҷолибу пурбор тақвият бахшад. Бино бар ин, дар таркиби достон, ҳамзамон хираднномаҳои он ҳикоятҳо аз рӯзгори шахсиятҳои бузурги асотириву таърихӣ ва ҳикоёти тамсилӣ оварда шудаанд, ки дар маҷмӯъ бисту ду ададанд.

Мавлоно Ҷомӣ қариб дар тамоми фаслҳои достони “Хираднномаи Искандарӣ” забон дар панду андарз кушода, доир ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ ибрози назар кардааст, ки баррасӣ ва таҳлили онҳо аҳамияти муҳим барои тарбияи инсони комил доранд. Мавлоно Ҷомӣ ҳамчун инсони хирадманд, нексиришт, покизадилу покизарӯзгор кӯшиш намудааст, ки дар радифи подшоҳони замон, кулли хонандагони асарашро ба касби ахлоқи ҳамида ҳидоят карда, онҳоро аз хисоли бади инсонӣ нигоҳ дорад, ҳушдор диҳад, ки инсон маҳз тавассути феълу атвори некаш умри абад меёбад ва амали бад марги вай дар зиндагист. Аз ин рӯ, инсони хуб ҳамеша барои касби хислатҳои хуб кӯшо буда, ҳамвора корҳои накӯро анҷом медиҳад ва дар ҳама ҳолат сабрро аз даст нахоҳад дод.

Мавзуъ ва ғояи асосии достони “Хираднномаи Искандарӣ”-ро тараннуми ахлоқи ҳамида ва парҳез аз хулқи разила ташкил медиҳад, ки ба шоири инсонгаро будани Мавлоно Ҷомӣ далолат менамояд. Барои ба таври рӯшан ва мушаххас инъикос кардани афкору андешаҳои ҳакимонаи Мавлоно Ҷомӣ дар достони мазбур ақоиди ҳакимонаи суханварро метавон чунин дастабандӣ кард:

1.Васфи дониш, ҳикмат ва мақоми омӯзгор. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз оғози достон шурӯъ карда инсонҳоро ба касби донишу ҳикматписандӣ даъват карда, мақоми омӯзгорро дар касби дониш ниҳоят боло гузошта менависад:

Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.
Зи дил сар занад сирри дониш нахуст,
Ки бар дасту по кор гардад дуруст.
Агар дар чаҳон наб-вад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор! (1, с.262).

Ҷои дигар, аз забони Арасту Искандарро ба ҳикматписандӣ даъват карда чунин менигорад:

Зи ҳикмат назояд ба ҷуз адлу дод,
Зи ҳикмат чӣ имкони зулму фасод?! (1,с.268)

Ба андешаи суханвар подшоҳе, ки аз перояи ҳикмат баҳравар аст, ҳеҷ гоҳ ба зулму беадолатӣ рӯй нахоҳад овард.

Дар тамоми хираднномаҳое, ки дар достон оварда шудааст, сухан аз ситоиши дониш, хирад ва ҳикмату ҳикматписандӣ меравад (1, с.262,264,268,277,290,291,292,324...)

2.Ситоиши некиву накӯкорӣ ва хайру саховат. Абдураҳмони Ҷомӣ некӣ ва накӯкорӣ, хайру саховатро аз беҳтарин хислатҳои инсонӣ шуморида, аз забони Букрот овардааст:

Баровар ба кори накӯ дар ҷаҳон,
Ба арзи замин номи тӯли замон.
Басад ном агар мард номовар аст,
Талабгори хайр аз ҳама беҳтар аст (1, с.301-302).

Аз забони Искандар бошад, таъкид ба он дорад, ки инсони дасткушоду саховатпеша ҳамеша дастболо аст, дар сурате, ки аз атои хеш миннат наниҳода бошад:

Фаровон ҳамебахшу кам мешумор,
Зи миннат ниҳодан ҳаме кун канор (1, с.322).

3.Ягонагии гуфтору кирдор низ аз хислатҳои писандидаи Мавлоно Ҷомӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар "Хираднномаи Аристотолис" мефармояд, ки:

Машав ғарраи ҳусни гуфтори хеш,
Накӯ кун чу гуфтор кирдори хеш.
Чу кирдори носеҳ бувад нописанд,
Насиҳат кай афтад зи вай судманд?! (91, с.279).

4.Покиву айбпӯшӣ ва нигоҳ доштани хашму ғазабро Абдураҳмони Ҷомӣ аз хислатҳои беҳтарину зарууртарини шоҳон дониста, дар "Хираднномаи Аристотолис" мегӯяд:

Гар ислоҳи халқи ҷаҳон боядат,
Дил аз ҳар бадӣ баркарон боядат.
Нашуста зи худ ҳарфи айб аз нахуст,
Зи ту айбпӯшӣ наёяд дуруст.
Чу нопок ояд ба ту оби ҷӯй,
Маҷӯ покии ҷома аз шустушӯй (1, с.278-279).

Мавлоно Ҷомӣ дар идомаи суханҳои ҳакимонаи Арасту перомуни фурӯ нишондани хашму ғазаб чунин изҳори андеша кардааст:

Бизан шишаи хашмро санги ҳилм,
Бишӯ зулмоти ҷаҳлро з-оби илм.
Ба фикрат зи дил нисён бибар,
Ба шукр аз дарун доғи куфрон бибар (1, с.279).

5.Хомӯшӣ ва мазамматӣ пургӯӣ дар меҳвари андешаҳои ахлоқии Мавлоно Ҷомӣ ҳамеша чарх мезанад. Бино бар ин, суханвар дар қисмати "Хираднномаи Суқрот" дар силсилаи дурдонаҳои ҳикмат оид ба ин масъала чунин ибрози назар менамояд:

Худо як забонат бидоду ду гӯш,

Ки кам гӯй яъневу афзун нияош.
Хомӯшӣ бувад давлати эзадӣ,
Далели ҳунармандию бихрадӣ.
Зи бисёрдонон фаросат гувост,
Ки бисёргӯй аз фаросат ҷудост (1, с.292).

6. Қаноат аз фазилатҳои писандидаи инсонӣ ба ҳисоб рафта, диққати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро пайваста ба худ ҷалб кардааст. Зеро шоир худ инсоне буд озодаю қаноатпеша ва хоксор. Аз ин рӯ, дар достон ба ин масъала борҳо ишорат карда, аз забони Букрот мегӯяд:

Чӣ хуш гуфт,к-эй монда дар тобу печ,
Қаноат кун аз хони гетӣ ба ҳеч.
Кашишҳои ҳоҷат зи худ дур кун,
Зи беҳоҷагӣ сина пурнур кун (1, с.300).

7. Пос доштани обрӯи инсонӣ ҳамеша дар мадди назари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қарор дорад. Аз нуқтаи назари суханвар подшоҳ бояд ки ҳамеша барои пос доштани обрӯи худ кӯшиш ба харҷ диҳад, то ки соҳиби иззату эҳтиром байни раияташ гардад. Аз шоҳи беобрӯ касе шодмон нест ва ӯро дастгирӣ нахоҳад кард. Бино бар ин, аз забони Асқолинус, ки яке аз донишмандони машҳури Юнони қадим асту ҳамасри Арастуст, чунин ибрози назар менамояд:

...Ба сад поя мӯҳтоҷ ҷон костан,
Беш аз ҳоҷат аз нокаон хостан.
Ба хоҳиш аз эшон марез обрӯй,
Мадор обрӯйро кам аз оби ҷӯй (1, с.308).

Ин донишманди хирадпеша дар хираднома аш таъкид месозад, ки шоҳ бояд, ки дар ҳолати ночорӣ ҳам аз нокасон хоҳиши дастгирӣ нанамояд ва поси обрӯяшро дорад.

8. Шукргузорӣ дар неъмат аз фазилатҳои хуби инсонӣ буда, инсонро аз беобрӯӣ нигоҳ медорад. Бино ба андешаи Мавлоно Ҷомӣ подшоҳ ва ҳар инсон бояд шукри неъмати худодода кунад ва бо ношукрӣ рӯ наниҳад, ки ба хорӣ мекашад. Оне, ки шукр мегузорад, неъматаш афзун хоҳад шуд. Чунончи:

Бубин неъмату шукри неъмат бигӯй,
Бубин зиллату дил зи зиллат бишӯй.
Зи шукр аст неъмат фазоишпазир,
Агар марди роҳӣ, раҳӣ шукр гир.
Мабодо равад пои неъмат зи ҷой,
Фурӯ бандаш аз риштаи шукр пой (1, с.308).

9. Кинаварзӣ ва бухлу ҳасадро Абдураҳмони Ҷомӣ аз бадтарин хислатҳои инсонӣ мешуморад. Ба андешаи суханвар ин хислатҳои разилаи инсонӣ шахсро аз доираи инсонгарӣ берун андохта, мояи бадбахтии вай мегардад. Аз ин бобат, шоир дар қисмати хирадномаҳои достон ба накӯҳиши ин хисоли одамӣ пардохта, аз ҷумла мефармояд:

...Яке он ҳасадвар ба ҳар кишваре,
Ки ранҷаш бувад роҳати дигаре.
Чу ҳоли касе бинад аз хеш беҳ,
Фитад бар раги ҷонаш аз ғам гиреҳ.
Дувум кинаварзе, ки аз хулқи зишт,
Бувад кинаи халқаш андар сиришт.
Чу натвонад аз кас шудан кинакаш,
Набошад зи киндорияш синах(в)аш (1, с.291).

10. Парҳез аз бадгӯӣ беҳтарин фазилати инсонӣ ба ҳисоб меравад. Суханварону донишмандони форсу тоҷик бо такя ба Каломи раббонӣ бадгӯиро ҳатто аз зино ҳам бадтар донистаанд. Аз ин рӯ, ин хислати разила дар тамоми осори ахлоқӣ маҳкум карда шуда, брои исботи фикр ҳикоятҳои ҷолиб низ оварда шудааст. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ низ ҳамчун инсони хирадпеша аз ин хислати бади инсонӣ нафрат дошта, дар достони “Хираднамаи Искандарӣ” аз забони персонажҳои асар онро сахт маҳкум кардааст. Чунончи:

Аз он кас бипарҳезу феълу фанаш,
Ки дорад дилат бесабаб душманаш.
Агар раҳ нагардонад аз гург меш,
Бувад ёвари ӯ дар озори хеш.
Забонро чӣ дорӣ ба гуфтан гарав,
Зи ҳар сӯ кушо гӯши ҳикматшунав (1, с.292).

Аз назари Мавлоно Ҷомӣ инсоне, ки бадгӯйро гӯш медиҳаду ба вай ҳамроҳӣ менамояд, аз паи озори худ хоҳад шуд ва ба гунаҳ хоҳад печид.

11. Даъват ба зиракӣ ва парҳез аз ҷаҳл низ ҳамеша диққати Абдураҳмони Ҷомиро ба худ ҷалб кардааст. Зеро инсоне, ки зирак нест, ба зудӣ фирефтаи мардуми фурӯмоя мегардад ва аз ҷаҳлу нодонӣ ба бало гирифтор хоҳад шуд. Аз ин лиҳоз, суханвар дар интиҳои “Хираднамаи Буқрот” хонандаро ба зиракӣ даъват карда, аз ҷумла мефармояд:

Миёни ду кас маънии зиракӣ,
Бувад мояи иттиҳоду якӣ.
Ҳама зиракон з-он ба ҳам дӯстанд,
Яке мағзро гашта сад пӯстанд (1, с.302).

Дар идомаи тавсифи зиракӣ Мавлоно Ҷомӣ ҷаҳлу ҷаҳолатро накӯҳиш карда, миёни оқилу ҷоҳил тафриқа ҷой доштанашро таъкид сохта, мефармояд:

Вале ҳаст дар дидаи эътибор,
Тариқи ҷаҳолат ҳазорон – ҳазор.
Ду ҷоҳил ба ҳам муттаҳид нестанд,
Роҳи аҷлро мӯътақид нестанд.
Зи оқил басе то ба ҷоҳил раҳ аст,
Раҳи ҳар яке з-он дигар кӯтаҳ аст (1, с.302).

12. Зарпарастиву мансабталоширо Абдураҳмони Ҷомӣ сахт маҳкум кардааст. Зеро худи суханвар бо вуҷуди имкониятҳои хуб доштанаш фирефтаи симу зари зиёд нагардида, як зиндагии содаву осудаҳолонаро ихтиёр кардааст. Бино бар ин, дар хусуси шаш тоифаи одамон, ки ҳамеша дар ғаму ғусса ғӯтавар ҳастанд, андешаронӣ карда, аз ҷумла мансабпарастону зарпарастонро танқид карда мегӯяд:

...Бувад панҷумин – толиби пояе,
Ки дархури он набвадаш мояе.
Кунад орзуи мақоме баланд,
Ки натвонад он ҷо фикандан каманд.
...Бувад симу зар ранҷи динпарварон,
Табибони он ранҷ донишварон.
Бияфган зи каф косаи зарри ноб,
Кафи хешро коса кун баҳри об (1, с.291).

13. Айбпӯшӣ ва нигоҳ доштани ҷаҳлу қаҳр низ аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ буда, дар осори суханварони форсу тоҷик бисёр ситуда шудааст. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ низ ҳамчун инсони нексиришт ҳамеша инсонҳоро ба пӯшида нигоҳ доштани нуқсону камбудиҳои якдигар даъват карда мегӯяд:

Мабодо, ки чу айбе аз ҷайби ту,
Занад сар, кунад дигаре айби ту (1, с.312).

Ҷои дигар дар нигоҳ доштани ҷаҳл фармудааст:

Бизан шишаи хашмро санги ҳилм,
Бишӯй зулмати ҷаҳлро з-оби ҳилм.
Ба ахлоқи аҳли карам рӯй кун,
Ба икроми ҳар неку бад хӯй кун.
Ба икроми некон ба некӣ гарой,
Ки хушнуд бошад зи некон худой.
Агар ёбӣ огоҳӣ аз айби кас,

Ба ҳар кас аз он барнаёвар нафас.
Ту ҳастӣ башар, дигарон ҳам башар,
Набошад башар пой то сар ҳунар.
Зи хайри башар шарраш афзунтар аст,
Ҳуруфи башар бештар з-он шар аст...(1, с.312).

Бино бар ин, суханвар дар сари ҷаҳл ба айби касон ишора карданро камоли бехирадӣ ҳисобида, одамонро ба нигоҳ доштани ҷаҳлу ситез даъват намудааст ва таъкид сохтааст, ки инсони хокӣ беайб нест ва агар рӯзе аз айбҷӯ хатое сар занад, дигарон низ ба зоҳир кардани он камар хоҳанд баст.

14.Ба даст овардани луқмаи ҳалол аз муҳимтарин хислати инсон аст. Аз ин рӯ, суханвар аз ин масъала низ сарфи назар накардааст ва дар “Пандномаи Ҳармис” даст аз ҷаҳолат бардошта, бо касби ҳалол ба даст овардани ризқро талқин намуда, мефармояд:

Ба роҳи ҷаҳолат машав тезгом,
Мабар дасти мукнат ба касби ҳаром.
Ки гар кисаатро диҳад фарбеҳӣ,
Кунад синаатро аз имон тиҳӣ (1, с.312).

Аз ин сабаб, ба андешаи Абдураҳмони Ҷомӣ инсонҳое, ки майл ба молу дунё ва лаззатҳои он доранд, ғарқи дарё хоҳанд шуд бо санги гароне дар гардан, ки ҳеч халосӣ барояшон даст намедиҳад ва охируламр ҷон аз даст хоҳанд дод. Чунончи, шоир мефармояд:

Макун майли дунёву лаззоти ӯ
Ки наъти хушӣ нест дар зоти ӯ.
Гирифтори дунё ба дарёст ғарқ,
Гаронсанг боре ниҳода ба фарқ (1, с.312).

15. Подоши амал дар меҳвари андешаҳои ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мақоми хосеро ишғол кардааст. Зеро инсон, аз назари суханвар, кору амалеро анҷом диҳад, хоҳ неку хоҳ бад ва ё савобу носавоб, албатта, подоши он насиби худи ӯст. Мавлоно Ҷомӣ аз забони Арасту ин масъаларо мавриди назар қарор дода, Искандарро ба анҷоми корҳои неку хайр дар давлатдорӣ даъват кардааст. Ин андешаҳои суханвар баъд аз асрҳо низ арзиши тарбиявии худро гум накардааст. Ҳар нафаре, ки имрӯз достони “Хираднома Искандарӣ”-ро мутолиа менамояд, аз ин гуфторҳои насиҳатомези шоир баҳравар мегардад ва ба худ натиҷагирӣ менамояд. Чунончи:

Ҷаҳон кӯҳу феъли ту омад нидо,
Ҷазои ту бар феъл бошад садо.
Аз ин кӯҳ, к-аз феъли ту пурнидост,

Садо ҷуз бо вафқи нидо барнахост.
Ба кӯҳ он чӣ гӯӣ, ҷуз он нашнавӣ,
Ба хок он чӣ корӣ, ҷуз он надравӣ.
Ниҳоле, ки корӣ дар ин тира хок,
Чунон кор, к-аз вояи табъи пок.
Диҳад номи некӯт имрӯз бор,
Ба фардот хушнудии Кирдигор... (1, с.278).

16. Таъкиди нопойдории дунё дар қисмати оғози достони Искандар рӯшан ба назар мерасад. Мавлоно Ҷомӣ ба поён расидани зиндагиву салтанати Файлақусро ба тасвир гирифта, қайд намудааст, ки ҷаҳон ҳар лаҳза дар тағйирёбист, яъне гоҳе маргу гоҳе зиндагонӣ, гоҳе сарвариву гоҳи дигар бандагӣ. Замоне падарро аз тахт бар тахта, яъне тобут менишонаду писарро ҷигархун месозад, замоне писарро аз қабо дар кафан ҷо менамояду падарро пираҳанчок месозад. Бино бар ин, он инсонеро, ки аз шодии дигарон шоду дар ғами касон ранҷур аст, ситоиш карда, мефармояд:

Хирадмандро з-он ҷигар хун бувад,
Ки ҳар лаҳза гетӣ дигаргун бувад.
Гаҳе марг бошад, гаҳе зиндагӣ,
Гаҳе подшоҳӣ, гаҳе бандагӣ.
Падарро кунад ҷо ба тахта зи тахт,
Писарро кунад з-он ҷигар лахт-лахт.
Писарро барад аз қабо дар кафан,
Падарро занад чок дар пираҳан.
Хуш он зираки мағзбин зери пӯст.
Ки аз марги ҳар кас чи душман чи дӯст.
Наёрад ба дил ҷуз ғами хештан,
Надорад ба ҷуз мотами хештан (1, с.269-270).

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар идомаи андешаҳои болоӣ дар хусуси нопойдории дунё ҳарф зада таъкид менамояд, ки набояд дар марги дигарон хушнудӣ кард, зеро марг дар паи ҳар кас аст ва рӯзе вайро низ хоҳад ёфт. Бино бар ин, ба ҳар чизи неку бад бояд бо чашми ибрат назар кард ва ғами имрӯзу фардоро набояд хӯрд ва хуш зиндагӣ бояд кард:

Мабин марги бадхоҳро барги хеш,
Ба ёд ор аз он навбати марги хеш.
Зи оинаат занги ғафлат зудой,
Ба ҳар неку бад чашми ибрат кушой.
Ғами дуру наздик чандин мах(в)ар,
Кас аз ту ба ту нест наздиктар (1, с.270).

Ҳамин тавр, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ қариб дар тамоми фаслҳои достони “Хирадномаи Искандарӣ” забон дар панду андарз кушода, доир ба масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ ибрози назар кардааст, ки баррасӣ ва таҳлили онҳо аҳамияти муҳим барои тарбияи инсони комил доранд. Мавлоно Ҷомӣ ҳамчун инсони хирадманд, нексиришт, покизадилу покизарӯзгор кӯшиш намудааст, ки дар радифи подшоҳони замон, кулли хонандагони асарашро ба касби ахлоқи ҳамида ҳидоят карда, онҳоро аз хисоли бади инсонӣ нигоҳ дорад, ҳушдор диҳад, ки инсон маҳз тавассути феълу атвори некаш умри абад меёбад ва амали бад марги вай дар ин ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, инсони хуб ҳамеша барои касби хислатҳои хуб кӯшо буда, ҳамвора корҳои накӯро анҷом медиҳад ва дар ҳама ҳолат шукру сабру таҳаммулро аз даст нахоҳад дод. Андешаҳои ниҳоии Мавлоно Ҷомӣ далел бар гуфтаҳои болост, ки фармуда:

Фани хеш некӣ кун, эй некзан,
Ки беҳ, гар бувад некзан некфан...
Ба сабр ар барояд туро номи нек,
Диҳад номи некат саранҷом нек.
Нигиндори ин чархи фирӯзафом,
Паи номи некӯ бувад, вассалом! (1, с.382-383).

Ҳамин тавр, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз бузургтарин маснависароёни адабиёти форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, тавонистааст бо мероси адабии гаронмояи хеш дар тарбияи инсони комил саҳми арзанда гузорад. Достони “Хираднომаи Искандарӣ” аз ҳайси фарогирии андешаву афкори панду ахлоқӣ байни дигар маснавиҳои “Ҳафт авранг” имтиёзи бештареро молик буда, перомуни муҳимтарин масоили ахлоқии замони суханвар маълумоти дақиқ медиҳад. Баррасӣ ва таҳлили достони мазкур нишондиҳандаи равшани инсонгароии суханвар дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аст.

## ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ:

### А) Сарчашмаҳо:

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Хираднომаи Искандарӣ. Осор, ҷилди панҷум. Душанбе:Адиб, 1988

2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. - Душанбе: Ирфон,1973

3. Гулшани адаб. Ҷилди 4. Тартибдиҳандагон: Афсаҳзод А., ва дигарон. - Душанбе, Ирфон, 1970

4.Гулшани адаб. Ҷилди 5. Тартибдиҳандагон Афсаҳзод А. ва диг.Душанбе, Ирфон 1980

5. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. – М. 1926

### Б) Манобеи илмӣ :

6. Афсаҳзод, Аълохон. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Ирфон,1980

7. Афсаҳзод, Аълохон. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдураҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Ирфон,1970

8. Бертелс, Е.Э. Ҷомӣ. - Сталинобод,1949

9. Зеҳнӣ, Туракул. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1979

10. Сатторов, Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон,1974.

11. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. - Душанбе: - Маориф, 1977

12. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ. - Душанбе: Ирфон,1981

13. Мусулмонкулов, Раҳим. Назарияи адабиёт. - Душанбе: Маориф,1990.

## АЊАМИЯТИ ТАРБИЯВИИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАЌОЛЊОИ ХАЛЌЇ

***Неъматзода Муқаддас Ҳабиб*** - *номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд),*

*nematova.1968@mail.ru, тел: 927086675*

Забон калиди њамаи мушкилию мураккабињост ва барои ҳар як нафар неъмати муқаддас аст. Мо барои тозагї ва аз харобшавї эмин нигоњ доштани забони модарї бояд кӯшиши зиёд ба харљ дињем. Мушоњидаи суњбат бо одамони касбу кори гуногун, бо бачагон нишон медињад, ки бисёре аз онњо меъёри забони тољикиро риоя намекунанд, њангоми сухан рондан бисёр бањудаву бењуда забони тољикиро бо забонњои дигар олуда месозанд, гўё худро бо ин «маданиятнок» нишон медињанд.

Дар шароити кунунї њар гоњ сухан аз боби пастии сатњи маърифати мардум ва вайронии ахлоќ равад, њадафи асосии танќид мактабу муаллим ва шогирдони бесавод ё чаласавод ќарор мегиранд. Ќариб њамагон ин иллатро дар хуб надонистани забони модарї, таърихи миллат, дуруст нафањмидани адабиёти воломаќоми классикї мебинанд. Шояд ин таъкид бамавќеъ бошад, вале набояд фаромўш кард, ки норасої ва нобасомонињо танњо хоси мактабу муаллим набуда, балки, волидон низ мебошад. Ба раванди кори таълиму тарбия амиќтар назар афканем, мебинем, ки мактабу омўзгор низ чун дигарон ба кўмаку дастирї ниёз доранд.